**Тақриз**

ба рисолаи номзадии унвонҷӯ Маҳмадалиев Эраҷ Шукуруллоевич
дар мавзӯи « Асосҳои методии таълими конвергентии технология
ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни
технология (таълими меҳнат)»

Технология ин таъмини амалиёти пайдарҳами муайян, ҳаракатҳои истеҳсолие, ки маснуотҳои андозаҳои муайянро тайёр мекунад, мефаҳмонад.

Мавзӯи интихобгардидаи унвонҷӯ Маҳмадалиев Э. Ш. дар шароити имрӯза хеле мубрам мебошад. Зеро мақсади таълими конвергентӣ дар он аст, ки фаъолиятнокии малака ва истеъдоди донишҷӯёнро зиёд намуда, ба мустақилият бо усулҳо ва амалиётҳои худ мусоидат мекунад. Дар рисолаи унвонҷӯ Маҳмадалиев Э.Ш. оиди омӯзиши технологияи иттилоотӣ, ки ба воситаи усулҳо маҳсулоти ҷадид, равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, технологӣ ба даст меояд, мисолҳои мушаххас оварда шудааст. Ҳамчунин соҳаи ташхиси омӯзиши методҳои инноватсионӣ бо низоми нави таҳсилот ва истифодаи таҷҳизоти техникӣ бо таври мукаммал тавсия дода шудааст, ки ба омӯзгорони технология роҳнамои хуб шуда метавонад.

Мазмуни диссертатсия нишон дод, ки дар ин гуна машғулият хотира, диққат, тафаккури мантиқӣ ва шуурнокии донишҷӯ инкишоф ёфта, шавқи маърифатии ӯ ба таври назаррас беҳтар мегардонад. Агар мо муносибати системавии фаъолиятро оид ба таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи итилоотиро баррасӣ намоем, истифодаи он чун қоида дар назди донишҷӯён талаботи комилан нав мегузорад. Барои донишҷӯён бо тарзи оддӣ аз худ кардани кардани мухтавои маводи назариявӣ кофӣ нест. Онҳо бояд ҳангоми машғулиятҳои таҷрибавӣ - амалӣ онро дарк, коркард ва ҷоннок намоянд. Асоси машғулиятҳои таълими технологияи конвергентӣ танҳо азхудкунии иттилоот набуда, қобилияти баланди коркард ва дар амал татбиқ кардани онро талаб менамояд.

Унвонҷӯ вобаста ба баланд бардоштани ҷиҳати самаранокии машғулиятҳо роҳу усулҳои мухталифро пешниҳод намуда, маводҳои

заруриро барои мукаммалкунии таълими фанни технология (таълими меҳнат) дарҷ намудааст.

Татбиқи таълими конвергентӣ (ҳамгироӣ) бо дигар технологияҳо, аз ҷумла технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, ба офаридани падидаҳои муосир ноил гардидааст, ки шаклҳои иҷроиши он бо ин тарз тағйир меёбад:

- шаклҳои иттилоотӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи объект иборатанд;
- ҳадафҳои таҷрибавӣ, ки мустақиман ба фаъолиятҳои амалӣ равона карда шудаанд.

Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ мушоҳида мегарданд, ба монандӣ, хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ дида мешавад, ки ба мазмуни рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, дар диссертатсияи унвонҷӯ Маҳмадалиев Э. Ш. оид ба шаклҳои истифодаи дастгоҳи чопии 3D маълумоти зиёд гирд оварда шудааст. Аз ҷумла, унвонҷӯ ба омӯзгорони оянадаи фанни технология барои баланд бардоштани маҳорати техникӣ, сайқал додани дониш дар ин ҷода, фикру ақидаҳои худро пешниҳод намудааст. Натиҷаи таҳқиқоти унвонҷӯ бо ҳадафи стратегияи ҷумҳуриямон оиди «Ҳадафи чоруми миллӣ-саноаткунонии кишвар» мувофиқ меояд.

Муовини ректор оид ба таълим,
идораи сифати таҳсилот ва
мобилияти академӣ
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Зувайдуллозода Ф.З.
Суроға:
735162, н. Кӯшониён

*Имзои номзади илмҳои педагогӣ, дотсент* Ф.З. Зувайдуллозода *тасдиқ менамоям:*
*Сардори ШК ва КМ-и ДЭТ* *Каримов З.А.*